

***Коррупсия зуҳуроти номатлубест, ки эътимоди мардумро ба давлат коста гардонида, обрӯву эътибори онро коҳиш медиҳад, барои рушди иқтисодиёти пинҳонӣ ва истифодаи ғайри-мақсадноки маблағҳои давлативу ҷамъиятӣ шароит фароҳам меорад ва дар маҷмӯъ боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон ва заиф шудани пояҳои ахлоқии ҷомеа мегардад.***

***Эмомалӣ Раҳмон***

Вобаста ба ин нукта, ки дар устувории пояи давлатдорӣ кадом соҳаи ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ асосӣ маҳсуб меёбад, соатҳои тӯлонӣ баҳс кардан мумкин аст. Дар бораи то кадом андоза зарурат доштани иқтисодиёт ва сиёсат ва дар он хусус ки асоси ҳаёти ҷамъиятиро амният, саноат, тандурустӣ ва ғайраҳо ташкил медиҳанд, дурудароз андешаронӣ кардан мумкин аст. Вале набояд фаромӯш кард, ки инсон аз модар сиёсатмадор, иқтисоддон, ҳуқуқшинос, муҳандис ба дунё намеояд. Малакаи касбӣ танҳо дар раванди таҳсилот ва фаъолияти корӣ ба даст оварда мешавад. Шахсият дар муассисаи таълимӣ ташаккул меёбад. Барои эъмори давлати пешрафта маҳз маориф пойдевори асосӣ ба ҳисоб меравад.

Барои пешбурди соҳаи маориф ва фаъолияти корӣ масъалаҳои зиёде мавҷуданд, ки онҳо андешидани тадбирҳои саривақтиро тақозо мекунанд. Бо мақсади пешгирӣ кардани ҳолатҳои коррупсионӣ дар ин соҳа зарур аст, ки дастҷамъона мубориза барем.

**Фарзанди Шумо ба муассисаҳои таълимии томактабӣ (кӯдакистон) меравад ё Шумо ӯро бурданӣ ҳастед…**

**Пас бояд донед, ки …**

- вақте фарзанди Шумо 1-солаву 6-моҳа шуд, барои дар кӯдакистон ба таълиму тарбия фаро гирифта шудани ӯ бояд ба шуъбаи маорифи ноҳия ё шаҳр муроҷиат намоед;
- ҳангоми мавҷуд будани ҷойи холӣ шуъбаи маориф бояд ба Шумо роҳхат диҳад;
- дар ҳолати набудани ҷойи холӣ Шумо метавонед интизор шавед.

**Барои ба кӯдакистон қабул шудани фарзандатон Шумо бояд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намоед:**

- ариза;
- маълумотномаи ҷойи истиқомат;
- маълумотномаи тиббӣ;
- шаҳодатномаи таваллуди кӯдак;
- шиносномаи падару модар.

Ҳамзамон бояд донед, ки ҳангоми ба кӯдакистон қабул кардани фарзандатон Шумо бояд тибқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.03.2016, №150 ҳар моҳ маблағ пардохт намоед.

**Агар корманди шуъбаи маориф ё мудири кӯдакистон** барои қабули кӯдак аз Шумо маблағ ё ба кӯдакистон овардани парда, бозичаҳо ва дигар лавозимотро талаб кунад…

**эҳтимол аст, ки ӯ аз Шумо пора ё бо роҳи тамаъҷӯӣ ғайриқонунӣ мукофот талаб карда истодааст.**



**Фарзанди Шумо ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ меравад ё Шумо ӯро бурданӣ ҳастед…**

**Пас бояд донед, ки …**

- агар то 31-уми декабр фарзанди Шумо ба синни 7-солагӣ расад, ҳуқуқ дорад дар муассисаи таълимие, ки дар ҳудуди маҳалли зистатон фаъолият менамояд, таҳсил кунад;
- агар дар муассисаи таълимӣ ҷой набошад, ӯ метавонад муассисаи дигарро интихоб кунад;
- агар фарзанди Шумо дар муассисаи таълимаш ба забони хориҷӣ (русӣ, англисӣ) таҳсил кардан хоҳад, вале дар маҳалли зисти Шумо чунин муассисаи таълимӣ набошад, метавонед бо ариза ба шуъбаи маориф муроҷиат кунед.

**Агар корманди шуъбаи маориф, роҳбарияти муассисаи таълимӣ** ба Шумо ҷойро ба ивази маблағ пешниҳод кунад, (сарфи назар аз мавҷудияти ҷойи холӣ) аз Шумо талаб кунад, ки барои таъмир маблағ диҳед ё дилхоҳ лавозимоти зарурирo барои муассиса харидорӣ намоед…

**эҳтимол аст, ки ӯ аз Шумо пора ё бо роҳи тамаъҷӯӣ ғайриқонунӣ мукофот талаб карда истодааст.**



**Агар Шумо ҷойи истиқомататонро иваз карда бошед ва мехоҳед муассисаи таълимиро низ барои фарзандатон иваз намоед….**

**Пас бояд донед, ки …**

Барои дар муассисаи таълимии маҳалли нави истиқомат таҳсил намудан ҳуҷҷатҳои зерин бояд пешниҳод карда шаванд:

- аризаи падару модар;
- маълумотномаи ҷойи истиқомат.

Муассисаи таълимӣ метавонад фарзанди Шуморо танҳо бо сабаби набудани ҷойи холӣ қабул накунад.

Дар чунин ҳолат Шумо бояд ба шуъбаи маорифи ноҳия бо ариза муроҷиат намоед.

Дар сурати вуҷуд надоштани ҷойи холӣ шуъбаи маориф вазифадор аст, ки фарзанди Шуморо дар ягон муассисаи таълимии дигар барои таҳсил қабул намояд.

**Агар корманди шуъбаи маориф, роҳбарияти муассиса** ба Шумо ҷойро ба ивази маблағ пешниҳод кунад, (сарфи назар аз мавҷудияти ҷойи холӣ) аз Шумо талаб кунад, ки барои таъмир маблағ диҳед, лавозимоти синфхона ё дилхоҳ лавозимоти заруриро барои муассиса харидорӣ намоед…

**эҳтимол аст, ки ӯ аз Шумо пора ё бо роҳи тамаъҷӯӣ ғайриқонунӣ мукофот талаб карда истодааст.**

**Фарзанди Шумо барои супоридани имтиҳони аз синф ба синфгузарӣ (дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ) ва ё барои супоридани имтиҳонҳои мавсимӣ (дар**

**коллеҷу донишгоҳу донишкадаҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ) тайёрӣ дида истодааст….**



**Пас бояд донед, ки …**

Меъёрҳои ҳуқуқии қабули имтиҳон (дастурамалҳо дар бораи тартиби аз синф ба синф гузаронидани хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, тартиби гузаронидани сессияҳои санҷишию имтиҳонии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ) мавҷуд аст.

**Агар роҳбарияти муассиса, донишгоҳу донишкадаҳо, дигар муассисаҳои таълимӣ, омӯзгор** ба

фарзанди Шумо ба ивази ягон хизмат ёрии худро дар имтиҳон ишора намояд…

**эҳтимол аст, ки ӯ пора ё бо роҳи тамаъҷӯӣ ғайриқонунӣ мукофот талаб карда истодааст.**

## БОЯД ҲАТМАН ДАР ХОТИР ДОШТ ВА ДОНИСТ, КИ…

Агар корманди шуъбаи маориф, мудири кӯдакистон, роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти олӣ ё дигар муасисаҳои таълимӣ аз Шумо маблағи пулӣ ва ё ба муассисаҳои таълимии мазкур оварда додани дилхоҳ лавозимотро талаб кунад,

## ЯГОН ЧИЗ ПЕШНИҲОД НАКУНЕД, МУКОФОТ ВА Ё ПОРА НАДИҲЕД!



## ЗЕРО

- агар Шумо аз рӯйи талаби онҳо маблағ ё худ лавозимоти талабкардаашонро диҳед, дар чунин ҳолат ҷинояти дар моддаи 320-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон номбаршуда, яъне **«Додани пора»** ё ин ки ҷинояти дар моддаи 325-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон номбаршуда, яъне **«Додани мукофот ба хизматчӣ»** -ро содир мекунед.

## Ч Ӣ  Б О Я Д  К А Р Д ?

- Агар корманди шуъбаи маориф, мудири кӯдакистон, роҳбарияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, донишгоҳу донишкадаҳо, дигар муассисаҳои таълимӣ аз Шумо пора, бо роҳи тамаъҷӯӣ маблағ ва оварда додани дилхоҳ лавозимотро талаб мекунад, талаботи ӯро гӯш карда, ба мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намоед ва ё



**Ба «ТЕЛЕФОНИ БОВАРӢ»-и Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**224-23-23 занг занед!**

Инчунин метавонед ба дилхоҳ воҳидҳои сохтории мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ариза муроҷиат намоед. (Ба ариза ҳамаи далелҳои бо худ доштаатонро замима карда метавонед, аз ҷумла сабти овоз, сабти видеоӣ ва ғайра).

**Пеш аз навиштани ариза……**

**ДАР ЁД ДОРЕД!**

Ҳангоми муроҷиат вобаста ба талабу гирифтани пора ё бо роҳи тамаъҷӯӣ гирифтани мукофот маълумоти бардурӯғ пешниҳод накунед…

**З Е Р О**

- мутобиқи моддаи 346-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дидаву дониста расонидани хабари бардурӯғ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст.



## Чӣ тавр тамаъкунандаи мукофот ва ё порагиранда ба ҷавобгарӣ кашида мешавад?

- Шумо бояд ба Дастгоҳи марказии мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё раёсатҳои Агентӣ дар шаҳри Душанбе, вилоятҳо ва шуъбаҳои минтақавии он муроҷиат намоед;



- муроҷиатро дар бораи ҷиноят Шумо метавонед дар шакли хаттӣ, электронӣ ё шифоҳӣ пешниҳод намоед;
- дар зери муроҷиати хаттии худ ҳатман имзо гузоред;
- агар муроҷиати худро тариқи электронӣ пешниҳод намоед, ҳатман суроғаи расмии почтаи электронии худро барои гирифтани ҷавоби баррасии муроҷиат дарҷ намоед;
- муроҷиати шифоҳӣ дар бораи ҷиноят дар протокол қайд карда шуда, аз ҷониби Шумо ва

корманде, ки муроҷиати Шуморо қабул кардааст, имзо карда мешавад. Ба протокол бояд ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсияти Шумо замима карда шавад.



**Акнун мо ба Шумо мегӯем, ки коррупсия чист.**

**Коррупсия** – кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда бо истифода аз мақоми худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахсони дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигар содир менамоянд, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартарият ва имтиёзҳои дигар бо мақсади моилкунӣ ё қадр кардани онҳо барои содир намудани чунин кирдорҳо (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ. *(сархати якуми қисми 1-и моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25-уми июли соли 2005, №100).*

## КОДЕКСИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## МОДДАИ 319. ГИРИФТАНИ ПОРА

1) Аз ҷониби шахси мансабдор шахсан ё ба воситаи миёнарав гирифтани пора дар намуди пул, коғазҳои қиматнок, дигар молу мулк ё фоидаи дорои характери молумулкӣ дошта, барои иҷро кардан ё накардани амали муайян ба манфиати порадиҳанда ё намояндагони ӯ, агар чунин ҳаракат (беҳаракатӣ) ба доираи ваколати хизматии шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ

дохил бошанд ё онҳо вобаста ба қудрати мавқеи мансабиашон ба чунин ҳаракат (беҳаракатӣ) мусоидат карда метавонанд, ҳамчунин барои пуштибонии умумӣ ё саҳлангорӣ дар хизмат

***бо ҷарима ба андозаи аз се ҳазору шашсаду панҷоҳ то нуҳ ҳазору яксаду бисту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.***

2) Аз ҷониби шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ гирифтани пора барои ҳаракати (беҳаракатии) ғайриқонунӣ

***бо ҷарима ба андозаи аз панҷ ҳазору чорсаду ҳафтоду панҷ то дувоздаҳ ҳазору ҳафтсаду ҳафтоду панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то ҳафт сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад.***

3) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда агар аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё шахсе содир шуда бошад, ки вазифаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё роҳбарии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро ишғол мекунад

***бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати аз се то панҷ сол ҷазо дода мешавад.***

4) Кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум, дуюм ё сеюми ҳамин модда, агар:

а) такроран;
б) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил
в) бо тамаъҷӯии пора;
г) ба миқдори калон,

***бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ҳафт то дувоздаҳ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ба муҳлати панҷ сол ҷазо дода мешавад.***

**Шахси мансабдори давлатӣ** – шахси таъйин ё интихобшуда, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус вазифаи намояндаи ҳокимияти давлатиро амалӣ менамояд, яъне бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ваколатҳои амрдиҳӣ нисбати шахсоне мебошад, ки дар тобеияти хизматии ӯ қарор надоранд, инчунин шахсе, ки вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ, маъмурию хоҷагидориро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҳамчунин дар субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидоре, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад, ба таври музднок ё бемузд иҷро менамояд ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 22-юми феврали соли 2007, №275).*

**Шахсони ба субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои бо коррупсия алоқаманд баробаркардашуда** – шахсони мансабдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ, ки бо мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибат доранд. *(Қонуни Ҷумҳурии*

*Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25-уми июли соли 2005, №100)*

## Пора чӣ гуна мешавад?

1) **Пора – харидан,** яъне то аз ҷониби шахси мансабдор содир гардидани кирдорҳои дахлдор ё баъди он аз рӯйи маслиҳати пешакӣ дода мешавад. (Қонунӣ ё ғайриқонунӣ будани ҳаракатҳои шахси мансабдор, ки ба фоидаи порадиҳанда содир мешавад, аҳамият надорад).

2) **Пора – мукофот**, яъне пас аз содир гардидани кирдорҳои дахлдор аз ҷониби шахси порадиҳанда ба шахси мансабдор бе маслиҳати пешакӣ дода мешавад.

## Боз чӣ пора ба ҳисоб меравад?

Агар фоидаи хусусияти амволидошта дар намуди пул, арзишҳои дигар, расонидани хизматҳои моддӣ ба фоидаи хешовандон ё наздикони шахси мансабдор бо розигӣ ё бе муқобилияти ӯ расонида шавад, шахси мансабдор ваколатҳои хизматии худро ба фоидаи порадиҳанда истифода намуда бошад.

## МОДДАИ 320. ДОДАНИ ПОРА

1) Додани пора шахсан ба шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ ё аз тариқи миёнарав

***бо ҷарима ба андозаи аз се ҳазору шашсаду панҷоҳ то нуҳ ҳазору яксаду бисту панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад***

2) Додани пора ба шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ барои аз ҷониби онҳо дидаю дониста анҷом додани ҳаракати (беҳаракатии) ғайриқонунӣ ё такроран додани пора

***бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол ҷазо дода мешавад.***

## МОДДАИ 321. ИҒВОИ ПОРАДИҲӢ

Кӯшиши ба шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ додани пул, коғазҳои қиматнок, дигар молу мулк ё хизматрасонии дорои хусусияти молу мулкӣ бе розигии онҳо бо мақсади сохтани далелҳои сунъӣ оид ба гирифтани пора

***бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол ҷазо дода мешавад.***

# МОДДАИ 324. ГИРИФТАНИ МУКОФОТ БО РОҲИ ТАМАЪҶӮӢ

1) Гирифтани мукофот бо роҳи тамаъҷӯӣ, яъне талаб кардани мукофоти молӣ ё фоидаи молу мулкӣ аз ҷониби хизматчии корхона сарфи назар аз шакли моликият, ғайр аз шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ, барои иҷрои кори муайян ё расонидани хизмат, ки ба доираи вазифаи хизматии чунин корманд дохил мешавад, ҳамчунин қасдан гузоштани шаҳрванд дар чунин шароите, ки ӯ барои пешгирӣ кардани вайронкунии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунан ҳифзшавандааш маҷбур аст чунин мукофотро барояш муҳайё созад,

***бо ҷарима ба андозаи аз панҷсад то як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба мухлати то панҷ сол ё бидуни ҷазо дода мешавад***

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) такроран;

б) ба миқдори калон содир шуда бошад,

***бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол ва бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати то панҷ сол ҷазо дода мешавад***

**Хизмати давлатӣ** – фаъолияти касбии хизматчиёни давлатӣ, ки барои таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ муқаррар карда

шудааст. *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” аз 22-юми феврали соли 2007 №275).*

**Хизматчии давлатӣ** – шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мансаби давлатии хизмати давлатии музднокро дар асоси касбӣ бо мақсади таъмини иҷрои ваколатҳои шахсони мансабдори давлатии ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани салоҳияти мақомоти давлатӣ ишғол намудааст. *(Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” аз 22-юми феврали соли 2007 №275).*

## МОДДАИ 325. ДОДАНИ МУКОФОТ БА ХИЗМАТЧӢ

1) Додани мукофот ба хизматчӣ, яъне додани мукофоти молӣ ё фоидаи молумулкӣ ба хизматчии корхона, сарфи назар аз шакли моликият, ғайр аз шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ, барои ба манфиати шахси мукофотдиҳанда иҷро кардани амали ғайриқонунӣ

***бо ҷарима ба андозаи аз панҷсад то ҳаштсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад***

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) такроран;

б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ (Қонуни ҶТ аз 18.06.2008 № 386);

в) ба миқдори калон;

г) ба манфиати гурӯҳи муташаккил содир шуда бошад,

***бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол ҷазо дода мешавад.***

**Эзоҳ:** Дар моддаҳои 324 ва 325-и Кодекси мазкур зери мафҳуми миқдори калон, миқдори пул, арзиши қоғазҳои қиматнок, дигар молу мулк ё фоидаи дорои хусусияти молумулкӣ доштае фаҳмида мешавад, ки арзиши онҳо аз панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад.



## ХАТАРҲОИ КОРРУПСИЯ

- **Коррупсия** яке аз монеаҳои асосӣ дар роҳи рушди умумимиллӣ, пешрафти иқтисод, беҳбудии иҷтимоӣ, татбиқи муваффақонаи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон маҳсуб мешавад.
- **Коррупсия** боварии шаҳрвандонро ба давлат, ояндаи нек коста мегардонад**.**
- **Коррупсия** – унсури ҷинояткории муташаккил.
- **Коррупсия** – тарзи дилхоҳи қасдан вайрон кардани ваколатҳои хизматӣ аз ҷониби шахси мансабдор.
- **Коррупсия** – суиистифода аз ҳокимияти давлатӣ барои ба даст овардани фоида бо мақсадҳои шахсӣ.
- **Коррупсия** порагирӣ ва порадиҳист.

**МО БАР ЗИДДИ КОРРУПСИЯ
ДАР СОҲАИ МАОРИФ
ҲАСТЕМ.**



Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд.
**Суроға:** шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 20.
**Телефон:** (+992 34-22) 2-28-90, (+992 34-22) 2-15-41
**E-mail:** sugd@anticorruption.tj

Шуъбаи минтақавии Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар водии Зарафшони вилояти Суғд.
**Суроға:** шаҳри Панҷакент, кӯчаи Лоиқ Шералӣ, 24.
**Телефон:** (8-34-75) 5-55-83,
**E-mail:** zarafshon@anticorruption.tj

Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе.
**Суроға:** шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Яккачинор.
**Телефон:** (+992 37) 221-28-03, (+992 37) 221-28-04
**E-mail:** dushanbe@anticorruption.tj

Шуъбаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаи Рашт.
**Суроға:** шаҳри Роғун, кӯчаи Ҷавонон, 17/1.
**Телефон:** (831-34) 2-24-11, (834-22) 2-24-13
**Email:** rasht@anticorruption.tj

Шуъбаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва муборизa бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар гурӯҳи ноҳияҳои водии Ҳисор.
**Суроға:** шаҳри Турсунзода, кӯчаи М. Турсунзода, 136.
**Телефон:** (831-30) 2-90-27, (831-30) 2-24-13
**E-mail:** hisor@anticorruption.tj

Шуъбаи Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва муборизa бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон.
**Суроға:** шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Н. Ҳувайдуллоев.
**Телефон:** (833-22) 2-26-87
**E-mail:** kulob@anticorruption.tj

Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва муборизa бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон.
**Суроға:** шаҳри Бохтар (собиқ Қӯрғонтеппа), кӯчаи Советӣ, 2.
**Телефон:** (+992 32-22) 2-26-17
**E-mail:** hatlon@anticorruption.tj

Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва муборизa бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон.
**Суроға:** шаҳри Хоруғ, кӯчаи Ленин, 304.
**Телефон:** (835-22) 2-00-50
**E-mail:** vmkb@anticorruption.tj

# Агентии назорати давлатии молиявӣ ва муборизa бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон



**ТЕЛЕФОНИ БОВАРИИ АГЕНТӢ**

**224-23-23**

Суроға: шаҳри Душанбе, хиёбони Абуалӣ Сино, 126/1